КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Шӯъбаи нигаҳдории китоб**

# СУЛҲУ ВАҲДАТ МАРОМИ МОСТ

/Тавсияҳои методию библиографӣ
барои китобдорон/

**ДУШАНБЕ – 2019**

**ТКБ** 92я2+66.2 (2 Тоҷик)
**С**-90

Сулҳу ваҳдат мароми мост: Тавсияҳои методию библиографӣ барои китобдорони китобхонаҳо /Мураттиб ва муҳаррир Ҷ. Валиев; КМТ.- Душанбе, 2019.- 40 с.

**© Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2019.**

## ПЕШГУФТОР

**Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ду боли як иқбол ва ду рукни меҳварии фарҳанги давлатдориву давлатсозии мо мебошанд, ки ҳамдигарро нерӯи тоза ва тақвият мебахшанд[1].**

Ҳар сол дар таърихи 27-уми июн мардуми баландиқболи саросари кишвари маҳбубамон Тоҷикистон ҷашни ваҳдати миллиро бо хушнудӣ ва хушҳолии беандоза таҷлил мекунанд. Ин иде аст, ки садо аз хотимаи ҷанг ва башорат аз пирӯзиҳои сулҳу субот медиҳад. Муқаддас, шарафмандидест, чаро ки он ҳосили ҷидду ҷаҳд ва кӯшишҳои шабонарӯзиҳо, натиҷаи ҷонбозиҳои самарабахши сулҳхоҳон аст, ки дар тӯли ҳафт сол талошҳо доштанд, то мо ба ин рӯзи пурфайзи оромию ободӣ расем.

Дар зеҳни мо ҳатман чунин суол пайдо мешавад, ки кадомин нерӯ ва чӣ гуна қувва моро ба ин рӯзи биҳиштӣ ва оромию субот расонд ва бешак, посухи саволи мо чунин хоҳад буд: Ваҳдат! Як замони мудҳише бо баланд шудани садоҳои даҳшатангези туфангҳои «сайёдон» аз чаманистонҳои мамлакати мо гӯё мурғи ваҳдат ба каронаҳо парвоз карда буд ва дигар суруди он субҳгоҳон ба гӯш намерасид, баръакс, чуғзҳо барояшон ин хоки покро ватан ихтиёр карданӣ буданд. Аммо толеи тоҷики покният, шукрона, ки баландӣ кард.

Оре, маҳз бо лутфи илоҳӣ нерӯи ваҳдат дар кишвари мо бар алайҳӣ ҷудоӣ имконе фароҳам овард, то рӯзгори хуш боз нафаси тоза бигирад, андӯҳ аз диёр по кашад, ба бӯстони зиндагӣ баҳори нозанин рангорангӣ ато намояд ва ғунчаҳои

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ду боли як иқбол мебошанд: Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маросими таҷлили 14-умин солгарди Ваҳдати миллӣ, наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе, 26 июни соли 2011 // Ҷумҳурият.- 2011.- 29 июн.

ханда дар лабони мардумон гул кунанд. Худи ҳамин аснод, ки дар ин гирудори гӯшношунид қариб сад ҳазор одам кушта шуда, як миллион нафар гурезаю муҳоҷири иҷборӣ гардид, далели рӯҳияи ҷангу бесарусомониҳо аст ва хомӯш намудани алангаи оташи ин ҷанг коре буд хеле сангин.

Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як суханрониии худ ин андешаро таъкид карда буданд, ки ***«даҳсолаҳо лозим мешавад, то захму ҷароҳатҳои ин фалокат муолиҷа шаванд ва мо ба он мекӯшем, ки дар ҳар хонавода сулҳ ва оромӣ ҳукмфармо бошад».*** Дар ин самт талошу шуҷоат, кӯшишҳои шабонарӯзии Сарвари кишвар, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифин аз лавҳи хотирҳо ҳеҷ гоҳ зудуда нахоҳанд шуд. Қудрате, ки Худованд ба ин марди шуҷоъ, меҳрубону саховатпеша ва ватандӯст Сарвари кишвар эҳдо карда, нури лутфашро ба сӯйи ӯ равона сохт, ҳайратфузуну таҷҷуббарангез мебошад. Ин марди шариф савганд ёд карда буд, ки паноҳандагонро ба ватан бармегардонад ва сулҳро дар кишвар барқарор хоҳад намуд ва хушбахтона, ҳамин тавр шуд.

27-уми июни соли 1997, яъне бистуду сол пеш дар таърихи давлатдориву давлатсозии навини тоҷикон бо азму иродаи қавӣ ва аз баракати хиради азалии миллати бостонии мо рӯйдоди бузурге арзи вуҷуд кард, ки он дар тақдири минбаъдаи мардумамон гардиши куллӣ ва таҳаввули бунёдӣ гардид. Дар ин рӯзи пурфайзи таърихӣ ормони чандинсолаи халқи азияткашидаи тоҷик ба воқеият табдил ёфт, яъне дар шаҳри Москва Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Мардуми мо ин санаи муҳимро ҳамчун рӯзи Ваҳдати миллӣ ботантана қайд менамоянд. Ҷашни Ваҳдати миллӣ дар қатори дигар ҷашнҳои мардумӣ мақоми хоса дорад. Зеро ин рӯзи амонию пурсаодат ба мо осонӣ ба даст наомадааст. Бинобар ба ин рӯзҳои фирӯз расидан моро лозим омад, ки роҳи тӯлонии ноҳамворро тай намоему мамониятҳои сангинро аз миён бардорем ва

мушкилоти гаронро паси сар кунем. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи ваҳдати миллӣ дар Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон (27 июни соли 2010) қайд намуд, ки «Таҳкими дастовардҳои истиқлолият, пояҳои давлатдории миллӣ, пуштибонии амнияту суботи сиёсӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, тақвияти иқтидори иқтисодиву иҷтимоӣ, хулоса рушди рӯзафзуни Ватани азизамон маҳз аз фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, мо бояд бештар аз ҳар вақти дигар кӯшиш намоем, ки ҳар як соли сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мардуми мо соли пешрафт, дастовардҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсӣ гардида, барои афзудани нуфузу эътибори кишвари азизамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд». Ҳақ бар ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки дар тӯли даҳ сол дар ҷомеа фазои нави ҷамъиятиву сиёсӣ ва ахлоқиву маънавӣ ба вуҷуд омадааст. Мардум пас аз солҳои дар ҳолати номуайян қарор доштани мамлакат ва тақдири худу фарзандонашонро нигарон буданд ва  ниҳоят нафаси озод мекашанду ба оянда некбинона назар меафкананд.

Дар ҳақиқат, бо гузашти солҳо мо аҳмияти таърихии ин санади сарнавиштсоз, арзиши сулҳу субот ва моҳияти миллиро ҳамчун неъмати бебаҳо беш аз пеш дарк ва қадр менамоем, барои пойдору устувор мондани он ҳамеша саъю талош меоварем ва ҳар сол рӯзи Ваҳдати миллиро бо ифтихору сарфарозӣ ва шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн мегирем. Ин рӯзи таърихӣ воқеан ба марҳилаи нави такомули давлати соҳибистиқлоламон оғоз бахшида, барои татбиқи раванди созандагии давлат заминаи устувору мусоидро фароҳам овард.

Имрӯз мо бо салоҳияти пурра гуфта метавонем, ки ҳамаи ободиву осудагии Ватани маҳбубамон-Тоҷикистон меваҳои истиқлолият ва ваҳдати миллӣ мебошад. Авзои имрӯзаи сиёсии минтақа ва ҷаҳон моро таъкид менамояд, ки тамоми нерӯҳои созандаи барои таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиву иҷтимоии мамалакат равона  созем. Дар ин ҷода тамоми мардуми кишвар, алхусус

онон бояд ҳамеша дар хотир бошанд, ки ваҳдати миллӣ дар баробари истиқлолият арзиши муқаддасу бебаҳои ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад ва пешрафти ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлол ва давлатдории миллиамон бевосита ба ваҳдату ягонагии халқи Тоҷикистон ва сулҳу субот вобаста мебошад.

Вобаста ба ин ба китобдорони ҷумҳурӣ оиди таҷлили ин ҷашни муборак ва дар самти баланд баргузор намудани чорабиниҳо (намоиши китобҳо, лавҳаҳо, шабҳои саволу ҷавоб, вохӯриҳо бо олимону адибон ва дигарон) оид ба сулҳу ваҳдат аз ҷониби китобдорони ҷумҳурӣ таҳти унвонҳои «Сулҳу ваҳдат – бахти миллат», «Сулҳ дар Тоҷикистон поянда бод», «Сулҳи мо зодаи тафаккури миллист», «Камоли матлабҳо – ваҳдати миллист», «Ваҳдат, сулҳу бунёдкорӣ мароми мост», «Ваҳдат-саодати миллат», «Фарҳанги миллӣ ҷону равони Ваҳдати миллист», «Сулҳи мо зодаи тафаккури миллист», «Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ ду боли як иқбол мебошад», «Сулҳ дар Тоҷикистон поянда бод», «Камоли матлабҳо-ваҳдати миллист», «Сулҳи тоҷикон пойдевори ҳатмист», «Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост», конфронсҳо аз рӯи китобҳои Эмомалӣ Раҳмон «Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ», «Даҳ соли истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», И.Усмонов «Сулҳнома», А. Достиев «Тоҷикистон – шикастанҳо ва бастанҳо», В.Ғаффорӣ Эмомалӣ Раҳмон: «Ман ба шумо сулҳ меоварам», Қ.Восеъ «Сиёсати давлатӣ ва ваҳдати миллӣ», А.Шарифзода, С.Фаттоев «Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ» ва ғайра мувофиқи мақсад аст.

Дар гузаронидани чорабиниҳои оммавии китобхонаҳо дастурҳои методию библиографии интишорнамудаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон, ба монанди «Сулҳу ваҳдат дар сарзамини тоҷикон поянда бод» (Душанбе,2007.-20 с.), «Сулҳу ваҳдат-бахти миллат» (Душанбе,2007.- 25с.), «Аҷаб шаҳри дилорой, Душанбе» (Душанбе, 2004.-27с.), «Истиқлолият дастоварди

бузурги миллат аст» (Душанбе,2001.-9 с.), «Истиқлолият-ҷавҳари асосии зиндагии миллат аст» (Душанбе,2006.- 16 с.) ва дигар, ба китобдорон кӯмак мерасонанд.

Барои боз ҳам шавқовар гузаронидани чорабиниҳо бо дастаҳои ҳунарии клубу хонаҳои фарҳанг ҳамкорӣ намоед.

Дар дастури мазкур чунин шаклҳои корҳои оммавиро пешниҳод менамоем:

1.Нақшаи намоиши китобӣ таҳти унвони «Сулҳу ваҳдат мароми мост».

2. Нақшаи конфронси хонандагон таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ – пойдевори давлатии соҳибистиқлол».

3. Тарҳи картотекаи библиографии «Ваҳдати миллӣ ва сулҳи тоҷикон».

4. Гуфторҳо бо номи «Адибон дар васфи сулҳу ваҳдат».

5. Матни хулосаи библиографии «Сулҳу ваҳдат- асоси пешравиҳо».

6. Матни шаби саволу ҷавоб таҳти унвони «Дастовардҳои ваҳдати миллӣ ва сулҳу суббот дар Тоҷикистон.

## СУЛҲУ ВАҲДАТ МАРОМИ МОСТ

/Нақшаи намоиши китобӣ/

### Қисми 1. Ваҳдат ифтихори миллат

**Иқтибос:** Ваҳдати миллӣ барои ҳастии миллати бостонии мо дар баробари забони модарӣ ва дигар рукнҳои

давлатдориамон нақши тақдирсоз дорад[2].

**АДАБИЁТ**

Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон [Матн]: Бахшида ба 20-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 2011.- 372 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Сарнавишти миллати соҳибтамаддун [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2006.- 44 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Масъулият барои фардои миллат [Матн]: Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 апрели соли 2003= Ответственность за будущее нации [Текст]: Послание Парламенту РТ.- Душанбе: Ирфон, 2003.-128 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Масъулият дар назди замон [Матн]: Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон = Ответственность перед временем [Текст]: Послание Парламенту РТ.- Душанбе: Ирфон, 2002.- 96 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] /Иборат аз чаҳор ҷилд.- Душанбе: Ирфон,2002.

Ҷилди аввал.- 512 с.
Ҷилди дуюм.- 512 с.
Ҷилди сеюм.- 512 с.
Ҷилди чорум.- 472 с.

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни 11-умин солгарди рӯзи Ваҳдат, ш.Қӯрғонтеппа, 27 июни соли 2008 //Достони ваҳдати миллат.- Хуҷанд: Ношир,2009.- С.5.

Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон: Даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн] /Иборат аз се ҷилд.- Душанбе: Ирфон, 2001.

Ҷилди 1. - 512 с.
Ҷилди 2. - 512 с.
Ҷилди 3. – 512 с.

Раҳмонов, Э. Ш. Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистон [Матн].- Душанбе: Мир путишествий, 2000.- 207 с.- Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

Раҳмонов, Э.Ш. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост! [Матн] = Наша цель единство, согласие создание! [Текст].- Душанбе: Ирфон, 2000.- 160 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Роҳи мо сӯи ҷомеаи ҳуқуқбунёд [Матн]: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 апрели соли 2000.- Душанбе: Ирфон, 2000.- 32 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Волоияти қонун ва интизом - тақрзои замон [Матн].- Душанбе: Ирфон,1999.- 95 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон дар оинаи таърих [Матн].- Душанбе: Ирфон, 1999.- 132 с.- Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.

Раҳмонов, Э.Ш. Ҷавонон – ояндаи миллат [Матн].- Душанбе: Ирфон,1998.- 96 с.- Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин [Матн].- Душанбе,1996.- 257 с.

Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон: Чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ [Матн].- Душанбе: Ирфон,1995.- 208 с.

Раҳмонов, Э. Ш. Роҳи раҳоӣ аз бӯҳрони азими ҳамагонӣ [Матн].- Душанбе,1993.- 52 с.

***

Абдулвайси, А. Паёми ваҳдат [Матн]. - Душанбе: Сомон-граф., 2018. – 148 с.

Бобо, Р. Ватан. Сулҳ. Ваҳдат [Матн]. - Душанбе, 2017. – 35 с.

Восеъ, Қ. Маромгуйи Ваҳдат ва Истиқлолият [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2017.- 828 с.

Ваҳдат, Давлат, Президент [Матн]. – Душанбе: Истеъдод,2017. - 464 с.

Шукуҳи Ваҳдат [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2017.- 192 с.

Восеъ, Қ. Садафи ваҳдат-Пешвои миллат [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2016.- 733 с.

Пешвои миллат-меъмори ваҳдат [Матн].- Душанбе: Дониш,2016.- 422 с.

Бойзоев, А. Аз боғи Ирам то боғи Ваҳдат [Матн]. – Душанбе: Андалеб Р,2015. – 64с.

Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо [Матн]: Дар партави, мақолаҳои ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе : Адиб, 2015. - 464с.

Мубориз Раъно. Нури ваҳдат [Матн]. – Душанбе: Адиб,2015.- 144 с.

Азиз, А. Нуроби Вахдат [Матн]: Ангорахои таълимиву омузиши мухофизони сулху дустии ватандори ва вахдати сайёрави. – Душанбе, 2014.- 32 с.

Восеъ, Қ. Вахдат маромномаи давлати точикон [Матн]: Ғазали ноёби Ҷомӣ. - Душанбе : Дониш, 2014. – 508 с.

Қаҳрамони Ваҳдат [Матн].- Душанбе: Шарқи озод,2014.- 208 с.

Раванди ваҳдат ва назарияи он [Матн]. – Душанбе: Илм,2013.- 336 с.

Шаҳрия. Ватан, Истиқлол, Ваҳдат [Матн]. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2013. – 55 с.

Ваҳдат, Давлат, Президент [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2012. - 310 с.

Ваҳдат- ормони олии миллат [Матн]. – Хуҷанд, Раҳим Ҷалил, 2012.- 78с.

Назарияи ваҳдат XlV[Матн]. – Душанбе: Дониш,2012.- 348 с.

Назарияи ваҳдат XV[Матн]. – Душанбе: Дониш,2012.- 336 с.

Сайидзода, З., Саидов, Ф. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон [Матн].- Душанбе: Контраст, 2012.- 164 с.

Чакомаи Ваҳдат [Матн] :Гулчини ашъор. – Душанбе: Адиб, 2012. - 176 с.

Холиқназаров, Ҳ. Ваҳдат кафолати ҳастии миллат [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳои солҳои2010-2012. – Душанбе,2012.- 147 с.

Шосаидов, С. Нақши Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ дар рушду нумӯи истиқлолият [Матн] //Фаъолияти китобдорӣ дар даврони ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ: Маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорони факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ / Муҳаррири масъул Б.С.Холов.- Душанбе: Истеъдод, 2012.- С.23-37.

Акбарзода, Ю. Ҷонфишонӣ дар роҳи сулҳу ваҳдат. – Душанбе: Адиб,2011. – 295 с.

Ваҳдат, Давлат, Президент [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2011. - 376 с.

Ғаффоралӣ, С. Ваҳдат [Матн]: Шеър //Паёми истиқлол.- Душанбе: Истеъдод, 2011.- С.77.

Нерӯи муттаҳидкунандаи миллат [Матн].- Душанбе: Шарқи озод, 2011.- 256 с.- Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.

Омӣ, З. Ваҳдат [Матн]: Шеър //Паёми истиқлол.- Душанбе: Истеъдод,2011.- С.127-

Шаҳдия. Ваҳдат [Матн]: Шеър //Паёми истиқлол.- Душанбе: Истеъдод,2011.- С.70.

Шарифзода, А., Фаттоев, С. Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши миллат [Матн]: Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992-1995.- Душанбе: Ирфон,2011.- Кит.1.-372 с.

Шарифзода, А., Фаттоев, С. Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ [Матн]: Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999.- Душанбе: Ирфон,2011.- Кит.2.-372 с.

Шосаидов, С. Нақши Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ дар рушду нумӯи истиқлолият [Матн] // Паёми фарҳанг.- 2011.- С.3-17.

Восеъ, Қ. Сиёсати давлатӣ ва ваҳдати миллӣ [Матн].- Душанбе: Дониш, 2010.- 432 с.

Набиева, Р., Зикриёев, Ф., Зикриёева М. Ҷанги шаҳрвандӣ, сулҳ ва ваҳдат дар сарзамини тоҷикон // Набиева, Р., Зикриёев, Ф., Зикриёева М. Таърихи халқи тоҷик [Матн].- Душанбе: Собириён, 2010.- С. 201-216.

Ҷӯразод, М. Шарафмандони Ваҳдат [Матн].- Хуҷанд: Ношир,2010.- 120 с.

Ҳамқадами Сулҳу Ваҳдат. – Ҳуҷанд, Ношир,2010.- 52 с.

Достони ваҳдати миллат [Матн].- Хуҷанд, 2009.- 448 с.

Раванди музокироти байни тоҷикон (1994-1997) [Матн] // Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз.- Душанбе: Ирфон, 2009. -Кит.1. – С.217-230 .

Набиева, Р. , Зикриёев, Ф., Зикриёева, М. Тоҷикистон дар асри ХХ ва ибтидои асри ХХ1 [Матн].- Душанбе: Матбуот, 2008.- 320 с.

Тоштемуров, М., Фаттоев, С. Шоҳроҳи сулҳофари ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон [Матн] = Путь к миру и созидание Президента Эмомали Рахмон [Текст].- Душанбе: Шарқи озод, 2008.- 304 с.

Бобоҷон, А. Баёзи ваҳдат [Матн].- Душанбе: Адиб, 2007.- 192 с.

Ваҳдат, давлат, президент [Матн]: Назария ва амалияи ваҳдати миллӣ.- Душанбе: Деваштич,2007.- Ҷ.4.- 208 с.

Ваҳдат, давлат, президент [Матн].- Душанбе: Деваштич, 2007.- Ҷ.5.- 303 с.

Ваҳдат, давлат, президент [Матн]: Иншои ваҳдат.- Душанбе: Дониш, 2007.- Ҷ.6.- 256 с.

Ваҳдат, давлат, президент [Матн]: Ҷашномаи Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 2008.- Ҷ.7.- 328 с.

Ваҳдат, давлат, президент [Матн]: Ҷашномаим Имоми Аъзам. – Душанбе: Дониш, 2007.- Ҷ.9.- 365 с.

Набиев, В. Сулҳ. Ризоят, ваҳдат [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо.- Хуҷанд: Хуросон,2007.-160 с.

Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ [Матн].- Душанбе: Дониш, 2007.- Кит.3.- 376 с.

Шарифзода, А. Тоҷи ваҳдат [Матн]. – Душанбе, 2007. – 108 с.

Достиев, А. Ситораи ғолиб [Матн].- Душанбе: Матбуот, 2006.- 160 с.

Зокиров, Г. Истиқлолияти сиёсӣ [Матн]: Бахшида ба 15-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе: Деваштич, 2006. -158 с.

Ҳамидов, Х. Президент Э.Ш.Раҳмонов- бунёдгузори давлати муосири тоҷикон [Матн].- Душанбе: Қонуният,2006.- 230 с.

Шарипов, А. Соле, ки қарнҳо барбора аст [Матн]: Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2004.- Душанбе: Деваштич, 2005.- 294 с.

Шарипов, А., Шамсиддинов, С. Эмомалӣ Раҳмонов-пайвандгари дӯстии Тоҷикистону Россия [Матн].- Душанбе,2005.- 71 с.

Ҷӯразод, М. Шамси ваҳдат [Матн].- Хуҷанд, 2005.- 179 с.

Мирзошоҳ, С., Ҳаниф, Ш. Меъмори Ваҳдат [Матн]: Ҳикоя ва қиссаҳо. - Душанбе: Сарпараст.- 2004.- 240 с.

Формулаи сулҳи Президент Эмомалӣ Раҳмон [Матн].- Душанбе: Шарқи озод, 2004.- 196 с.

Достиев, А. Тоҷикистон-шикастанҳо ва бастанҳо [Матн].- Душанбе: Ирфон,2003.- 224 с.

Лутфуллоев, М. Шарафномаи миллат [Матн].- Душанбе: Сарпараст, 2003.- 287 с.

Аюбзод, С. Тоҷикистон дар қарни бустум [Матн].- Прага, 2002.- 348 с.

Иҷлосияи таърихии тақдирсоз [Матн].- Душанбе,2002.- 32 с.

Оштии миллӣ ва ризоият- кафили рушди устувори Тоҷикистон[Матн]. - Душанбе,2002.- 39 с.

Ризояти ҷомеа-мароми мост [Матн].- Душанбе: Шарқи озод, 2002.-228 с.

Формулаи Сулҳ: Сиёсатмадорони ҷаҳон дар васфи Тоҷикистон [Матн] = Формула мира: Политики мира о Таджикистане [Текст].- Душанбе: Шарқи озод,2002.- 144 с.

Набиев, В., Мухторов, М. Самараи ризоят [Матн].- Душанбе, 2001.-96 с.

Нурӣ, С. Оштинома [Матн].- Душанбе: Нодир,2001.-360 с.

Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯаи тезисҳои симпозиуми байналмилалии «Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон», Душанбе, 26-27 апрели соли 2001.- Душанбе, 2001.- 320 с.- Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

Усмонов, И. Сулҳнома [Матн].- Душанбе: Матбуот,2001.- 582 с.

Азим, А., Набӣ, В., Қуддус, Ҷ. Корвони сулҳу ваҳдат дар шоҳроҳи ваҳдат [Матн].- Душанбе: Шарқи озод, 2000.- 126 с.

Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистон [Матн].- Душанбе: Мир путишествий, 2000.- 207 с.

Усмонов, И. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир [Матн] = Моменты из созидательного мира [Текст].- Душанбе: Ирфон,1999.- 107 с.- Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

Ғаффорӣ, В. Эмомалӣ Раҳмонов: «Ман ба шумо сулҳ меоварам!» [Матн].- Душанбе: Авесто,1998.- 80 с.

Рауфӣ, А. Асосҳои иқтисодии ваҳдати миллӣ [Матн].- Душанбе: Шарқи озод, 1998.- 52 с.

Саъдиев, Ш. Тоҷикистон: роҳи сулҳ ва ризоят [Матн].- Душанбе: Шарқи озод,1998.- 52 с.

Роҳи сулҳ: Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон [Матн].- Душанбе, 1997.- С.74-75.

Тоштемуров, М., Саидов, З. Ҳомии сулҳу ваҳдат [Матн].- Душанбе, 1997.- 86 с.

**Қисми 2. Ваҳдат неъмати зиндагист!**

**Иқтибос:** Ваҳдати миллӣ барои ҳасти миллати бостонии
мо дар баробари забони модарӣ ва дигар рукнҳои
давлатдориамон нақши тақдирсоз дорад[3].

**АДАБИЁТ**[4]


Ваҳдати миллӣ яке аз дастовардҳои бузурги мардуми шарифи Тоҷикистон аст [Матн]: Суханрони Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ (ш.Конибодом) // Садои мардум. – 2018.- 30 июн.

Раҳмон, Э. Ваҳдат - муҳимтарин омили рушди ҷомеа [Матн]: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили 14-уми солгарди Ваҳдати миллӣ, 26 июни соли 2011 //Омӯзгор.-2011.-1 июл.

Раҳмон, Э. Тавоноӣ ва некбахтии миллат аз ваҳдат аст [Матн]: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон


[3] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни 11-умин солгарди рӯзи Ваҳдат, ш. Қӯрғонтеппа, 27 июни соли 2008 //Достони ваҳдати миллат.- Хуҷанд, Ношир,2009.- С.5.

[4] Адабиётҳоро бахшида ба ҷашни мазкур аз фонди китобхонаи худ истифода баред.

Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили 14-уми солгарди Ваҳдати миллӣ // Минбари халқ.- 2011.- 30 июн.

Раҳмон, Э. Истиқлолияту ваҳдат ду боли як иқбол [Матн]: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили 14-умин солгарди Ваҳдати миллӣ // Ваҳдат.- 2011.- №13 - июл.

Раҳмон, Э. Ваҳдати миллӣ ҷовидон бод [ Матн]: Суханрони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни 13- умин солгарди Ваҳдати миллӣ // Ҷумҳурият.- 2010.- 1 июл.

Раҳмон, Э. Чун гавҳараки чашм эҳтиёт намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вазифаи ҷониву имонии ҳар шаҳрванди равшандилу солимфикри Тоҷикистон мебошад [Матн]: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 10- умин солгарди рӯзи Ваҳдати миллӣ, ш. Душанбе, 26 июни соли 2007 //Ҷумҳурият.- 2007.- 30 июн.

Раҳмонов, Э. Арзиши муҳим ва волои таҷрибаи сулҳи тоҷикон татбиқи ҳадафи бузурги таърихи ваҳдат ва муттаҳидии миллист [Матн]: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба 10- солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, ш. Душанбе, 25 июни соли 2007 // Ҷумурият.-2007.-30 июн.

***

Азимӣ, З. Ваҳдат саодат ва бақои давлату миллат [Матн] // Ҷумҳурият.- 2018.- 28 июн.

Асрорӣ, М. Марҳилаи нави рушд [Матн]: Ба ифтихори рӯзи ваҳдати миллӣ //Ҷумҳурият.- 2018.- 26 июн.

Асрорӣ, М. Саодати миллат аз Ваҳдат аст [Матн] //Ваҳдат.- 2018.- №14.- июл.

Аҳмадзод, Р.Ю. Ваҳдати миллӣ [Матн] // Ҷумҳурият.- 2018.- 26 июн.

Бектураев, А. Ваҳдат ва сарҷамъии мардуми тоҷик [Матн] // Кошонаи умед. – 2018.-30 август.

Ваизода, Ф. Масири ҳаракат. Аз ваҳдати миллӣ то ваҳдати ҷаҳонӣ [Матн] // Ҷумҳурият. – 2018.- 26 июн.

Давлатзода, М. Дарахти ваҳдат ҳамеша меваи ширин ба бор меорад [Матн] // Садои мардум.- 2018.- 26 июн.

Давлатзода, С. Ваҳдат ва пойдории миллат [Матн] //Ҷумҳурият.- 2018.- 4 июл.

Косимзода, И. Меъмори Ваҳдат [Матн] //Ҷумҳурият.- 2018.- 4 июл.

Мардонӣ, Ф. Тоҷикистон. Ваҳдат, суббот ва рушд [Матн] // Ҷумҳурият.- 2018.- 17 июл.

Мирзо, Д. Рамзи Ваҳдати миллат [Матн] // Садои мардум.- 2018.- 26 июн.

Муъминзода, Ҳ. Ваҳдати миллӣ ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боло бурд [Матн] // Ҷумҳурият.- 2018.- 28 июн.

Назриев, Л. Зи ҳар манзил нидои сулҳ ояд [Матн] // Фуруғи маърифат.- 2018.- 22 октябр.

Саидов, Н., Камол, Ҳ. Ваҳдати миллӣ – ҷашни муқаддас ва замонати истиқлолият давлатӣ [Матн] // Ҷумҳурият.- 2018.- 5 июл.

Шариф, Л. Омили таҳкимбахши ваҳдат [Матн] // Ҷумҳурият.- 2018.- 29 июн.

Ҳайдаров, Р., Давлатзода, Д. Ваҳдати миллӣ амнияти Осиёи марказиро низ таъмин намуд [Матн] // Садои мардум. – 2018.- 26 июн.

Ҳайдаров, Р., Давлатзода, Д. Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ва аҳмияти геополитики он дар Осиёи марказӣ - [Матн] // Ҷумҳурият.- 2018.- 11 июл.

Эмомзода, С.М. Ватан аз файзи ваҳдат гулфишон шуд [Матн] // Баҳори аҷам.- 2018.- 3 июн.

Собиров, С. Таърих гувоҳ аст [Матн] //Ҷумҳурият.- 2017.- 30 июн.

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПОЙДЕВОРИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

/Нақшаи конфронси хонандагон/

Сухани ифтитоҳии мудири китобхона ё шахси масъул.

1.Таърихи созишномаи сулҳи Тоҷикистон /Гузориши омӯз-
гори фанни таърих ё ҷомеашинос/.

2.Ваҳдат, сиёсати фарҳангӣ ва худшиносии миллӣ /Гузориши
адабиётшинос/.

3.Ваҳдат камоли матлабҳост / Гузориши омӯзгор/.

4.Таронаҳои ваҳдат / Қироати шеърҳо аз эҷодиёти адибо-
ни
муосири тоҷик роҷеъ ба сулҳ ва ваҳдат аз ҷониби
донишҷуён ё талабагони синфҳои болоии мактаб/.

5.Сулҳу ваҳдат- асосии пешравиҳо/ Хулосаи библиографии
китобдор/.

6.Шиносои бо намоиши китобии «Сулҳу ваҳдат мароми
мост».

7.Ҷамъбасти конфронс / Мудири китобхона ё шахси масъул/.

**СОЗИШНОМАИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ – ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ ХАЛҚИ ТОҶИК**

/Маводи мухтасар барои баромадкунандагон/

Дар ибтидои солҳои навадум то соли 1997 халқи тоҷик ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардид. Дар ин давра ҳазорҳо ҳам-диёронамон куштаю қариб як миллион нафар гуреза ва муҳо-ҷирони иҷборӣ шуданд. Ваъзи иқтисодиёту иҷтимоии ҷумҳурӣ паст гардида, фалаҷ шуда буданд. Ҳукумати қонунӣ воқеан вуҷуд надошту бесарусомонӣ дар кишвар ҳукумфармо буд. Коршиносону сиёсатмадорони дохилию хориҷӣ ба ин ақида

буданд, ки ҷанги шаҳрвандии ҷумҳурӣ дуру дароз идома хоҳад ёфт ва он қариб метавонист давлати моро ба нестӣ оварда расонад. Хатари маҳв шудан ва аз харитаи ҷаҳон нест гардидани Тоҷикистон ҳақиқати воқеӣ гардид. Дар ин вазъият барои мамлакат сарваре лозим буд, ки барои сулҳу ваҳдати миллӣ ҷони худро дареғ надорад ва манфиатҳои миллиро аз манфиатҳои қавму маҳал ва минтақа болотар донад. Аммо дар Тоҷикистони оғуштаи оташи ҷанг ва хуну мотамзада касе ҷасорат намекард, ки вазифаи басо сангину масъулро ба дӯши худ гирад. Инак, моҳи ноябри соли 1992 намояндагони мардумӣ дар шаҳри Хуҷанд (дар Қасри Арбоб) Иҷлосияи ғайринавбатии 16-уми Шӯрои Олиро доир намуданд, аз миёни бисёр шахсиятҳои шинохта Эмомалӣ Раҳмонро ба сарварии Тоҷикистон пазируфтанд.

Бори аввал дар таърихи Тоҷикистон шахсе ба маснади давлат баромад, ки аз миёни мардумони заҳматкаш буду орзӯву дарди миллат воқиф буд. Яке аз омилҳои санҷида ва бадастовардаи мардуми Тоҷикистон ноил шудан ба сулҳ ва баҳамоварии қувваҳои мухолифи даргири кишвар аз ҷанги бемаънӣ, берун кашидани нерӯи ҷонибҳо аз он ва билохира оғӯши бародарӣ кашидани дастаҳои даргир ба шумор мерафт. Зеро мавқеъҳо ҳанӯз ниҳоят дуру ранҷишҳо басо зиёд буданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон баробари ба мақоми олии мамалакат нишастан, дар муроҷиат ба халқи шарифи Тоҷикистон (12 декабри соли 1992) ва савгандёдкунӣ гуфт, ки «тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад ҷон нисор мекунам» ва устувор монд. Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сардори давлат интихоб шуданаш роҳи ҳалли ихтилофро дар ҷомеа ва сулҳу салоҳро дар мамлакат дар машварат ва гуфтушуниди мусолиҳатомези Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин медиду барои амалӣ кардани ин нақша саъю талошҳо мекард. Аз ҳамин сабаб раванди ҷустуҷӯи сулҳ соли 1993 оғоз ёфт.

Музокироти байни тоҷикон, ки ҳайати ҳукуматиро Президент Эмомалӣ Раҳмон ва Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии тоҷикро Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо сарпарастии СММ дар давлатҳои гуногун гузашт, роҳбарӣ менамуданд. 16 январи 1994 Сарвари давлат барои ба ватан баргаштани гурезагони тоҷик таъкид менамояд, ки «Бародар аз пайи кини бародар намеравад. Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯзу фардо боз хоҳед гашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро обод, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард». Сарвари давлат мусоидати ҳамаҷонибаи сиёсати пешгирифтаи худро баҳри бозгашти гурезагон самимона таъкид менамуд.

Марҳилаи муҳимтарин дар раванди сулҳ гуфтушуниди байни тоҷикон аст, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав сурат гирифта буд. Дар ин гуфтушунид нахустин Эъломияи муштарак оид ба оштии миллии устуворе дар раванди сулҳи тоҷикон буд. Баъдан ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсияи тоҷик (ИНОТ) дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул ва Машҳад шаш маротибаи дигар мулоқотҳо гузарониданд. Дар воқеъ ҷустуҷӯи роҳу усули сулҳу амонии тоҷикон зиёда аз се соли дома дошт. Табиист, ки дар ин мулоқотҳо тарафҳо шартҳои манфиатноки худро пешниҳод менамуданд ва билохира, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав мулоқот баргузор гардид, ки бо таъсиси Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ» ба имзо расид. Дар лаҳзаҳои шодиву сурур Президенти мамлакат бори дигар ба ҳамватанони мо муроҷиат намуда, таъкид доштанд, ки «Бо назардошти ин рӯҳияи илҳомбахш ва иттиҳоди ҷовидонии миллат айни мудаост, ки рӯзи 27-уми июнро дар кишварамон Рӯзи ваҳдати миллӣ эълон намоем ва ин санаи фархундаро ҳар сол ба таври умумихалқӣ ид кунем». Баробари фаро расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ки моҳиятан як давраи муайяни таърихи кишварамонро инъикос менамояд, мардуми шарифи мамлакат нафаси озод гирифта, ҳамдигарро

бародарвор ба оғӯш кашиданд. Дар ин давра ашки шодӣ дар чашми азизон ҳувайдо буд.

Созишнома аз лиҳози аҳмияти худ бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар «Эъломия» ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин намуд. Раванди сулҳи тоҷикон рӯйдоди душвор, вале муҳими сиёсие буд, ки сарнавишти миллати тоҷикро муайян намуда, заминаи муттаҳидӣ ва якпорчагии онро фароҳам сохт ва киштии давлатдории тоҷиконро аз ғарқшавӣ наҷот дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари ИНОТ мувофиқа ҳосил намуданд, ки бо имзои ҳамин Созишнома марҳилае шурӯъ мешавад, ки иҷрои мувофиқатномаҳои бадастомада ба таври пурра ва дар алоқамандӣ бо ҳам сурат мегиранд ва он ба низои бародаркушӣ абадан хотима мегузораду ҳамдигарбахшӣ ва авфро таъмин мекунад, муҳоҷиронро ба маҳаллӣ зисташон бармегардонаду барои инкишофи раванди демократии ҷомеа, гузаронидани интихоби озод ва барқарор кардани иқтисодиёти кишвар шароити мусоид фароҳам меоварад.

Бо тасвиби «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ» марҳилаи басе душвор, вале тақдирсози таърихи навини Тоҷикистон оғоз гардид.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин марҳила нерӯҳои гуногуни сиёсии Тоҷикистон пурра дарк намуданд, ки сулҳ ва истиқлолият бузургтарин дастовардҳои миллат аст ва дар баробари ин ду неъмати бебаҳо манфиатҳои маҳдуди ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ғайра мақоми дуюмдараҷа дорад.

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА СУЛҲИ ТОҶИКОН

/Тарҳи картотекаи библиографӣ/

1. Тоҷикистон дар понздаҳ соли истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ.
2. Дар соҳаи сиёсчат ва муносибатҳои байналмилал.
3. Дар соҳаи давлатдорӣ ва ҳуқуқ.
4. Дар соҳаи саноатақлиёт ва кишоварзӣ.
5. Дар соҳаи фарҳангу ҳунар ва адаб.
6. Дастурҳои методию библиографӣ (феҳрист, нишондиҳандаҳо ва ғайра).

**ШОИРОН ДАР ВАСФИ СУЛҲУ ВАҲДАТ[5]**

/Иқтибосҳо барои созмондиҳии чорабиниҳо/

Раҳми парвардигори мо омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.
Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад.

(Лоиқ Шералӣ. Сулҳи деринтизор.-
С.30)

Рамузи Ваҳдат аз Наврӯз омӯз,
Ва ё аз тифли навомӯз омӯз.
Рамузи Ваҳдати Олам ҳамин аст,
Нумӯи сабза аз лутфи замин аст.

(Мӯъмин Қаноат. Оинаи Ваҳдат – С.31)

Дӯстон бо ҳам бсиозед, ин замони ваҳдат аст,
Ҳамдилу ҳамдард будан ҷисму ҷони ваҳдат аст.
Он қадарҳо ваҳдати сарду забонӣ сохтем,

[5] Гуфтори адибон аз китоби «Достони ваҳдати миллӣ» (Хуҷанд: Ношир,2009.- 448 с.) пешниҳод шудаанд

Он ҳама акнун дигар захре ба хони ваҳдат аст.

(Меҳмон Бахтӣ. Ғазали ваҳдат.- С.32)

Ҳар толиби амонӣ дорад ниёзи ваҳдат,
Ҳар ташнаи маонӣ воқиф зи рози ваҳдат.
Якрӯву якақида, якрангу якнасақ бош,
То ҷовидон бимонӣ, хотирнавози ваҳдат.

(Алӣ Бобоҷон. Баёзи ваҳдат.- С.329)

Ҳар дуруди мо бувад ваҳдат,
Дар суруди мо бувад ваҳдат.
Яктанему якдилу ҷонем,
Дар вуҷуди мо бувад ваҳдат.

(Саидали Маъмур.Ғазали ваҳдат.- С.331)

Гар туӣ, эӣ ҳамсафар, ваҳдатшинос,
Ваҳдатам бо ваҳдатат андар қиёс.
Ваҳдатам оинаи виҷдони ман,
Ҳамрадифи он буда имони ман.

(Усмон Олим. Ваҳдати ман.- С.348)

Муборак бод васли чодаҳо дар шоҳроҳи вақт,
Ҳумоюн бод асли чодаҳоро васлгоҳи вақт.
Зи ин роҳ аст роҳи ваҳдати дил, ваҳдати инсон,
Зи ин роҳ аст роҳи ваҳдати Эмомалӣ Раҳмон.

(Салими Хатлонӣ. Шоҳроҳи вақт.- С.- 354)

Гар намешуд сулҳ байни тоҷикон,
Дар ҷаҳон будем бе ҷову макон.
Гашт бар мо роҳнамои қалбҳо,
Сарвари равшанзамиру раҳкушо.

(Абдуалӣ Абдумаҷид. Шукронаи ваҳдат.- С.356)

То ки бошад сулҳ доим пойдор,
То фазои даҳр бошад беғубор.
«Сулҳ дар дунё» маро доим шиор,
Корвони сулҳу ваҳдат зинда бод!

(Наимҷон Назирӣ. Корвони сулҳу ваҳдат
зинда бод.- С.360)

Дар симои Тоҷикистон,
Байрақи ваҳдат парафшон.
Мерасад нури саодат,
Аз Зарафшон то Бадахшон.

(Гулнора Усмонова. Нури ваҳдат.- С.366)

Хонам таронаи дил ман бо навои ваҳдат,
Ҳоҳам баланд гардад ҳар ҷо садои ваҳдат.
Гарду ғубор ҳаргиз дар осмон набинам,
Гирам нафас ҳамеша ман аз ҳавои ваҳдат.

(Сайидалӣ Маъмур. Таронаи ваҳдат
//Баёзи ваҳдат.- Душанбе: Адиб,2007.- С.59)

Тоҷикистонам гулафшон аз баҳори ваҳдат аст.

Дар нигоҳи офтоби ў шарори ваҳдат аст.
Буд пареш аз боди офат хоки поки офият,
Мардуми сарҷамъаш акунун посдори ваҳдат аст.

(Шаҳрияи Адҳамзод. Ҳисори ваҳдат
//Баёзи ваҳдат.- Душанбе: Адиб, 2007.- С.115)

Қиссаи ваҳдати моро ба ҳама ҷо донанд,
Сухан аз сулҳ равад, сарвари моро хонанд.
Ҳар куҷо пайкараи ваҳдат агар бигзоранд,
Ном бояд, ки ба он тоҷбарсарҳо монанд.

(Муҳаммад Ғоиб. Ваҳдат [Матн]:
Шеър //Ҷумҳурият.- 2007.- 26 июн)

## СУЛҲУ ВАҲДАТ – АСОСИ ПЕШРАВИҲО

(Матни хулосаи библиографӣ)

Дар хулосаи библиографии мазкур китобдор бояд ҳозиронро бо мазмуну мундариҷаи асарҳо, ки дар зер пешниҳод намудаем, шинос намояд. Ин гуна саёҳатро хубтараш дар назди намоиши китобии ба Ваҳдати миллӣ бахшидашуда гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст. Китобдор бо навбат китобҳоро ба даст гирифта, нисбати ҳар кадомашон маълумот медиҳад ва дар баробари ин ба саволҳои хонандагон ҷавоб мегўяд. Дар гузаронидани хулосаи библиографӣ омўзгорону адабиётшиносон ва адибону хонандагони фаъолро ҷалб намудан натиҷаи хуб медиҳад.

Инак мо матни мухтасари хулосаи библиографиро пешниҳод мекунем:

**Формулаи сулҳ.- Душанбе: Шарқи озод, 2002.- 144 с.**

Дар ин китоб гуфтаҳои сиёсатмадорони ҷаҳон дар васфи сулҳи Тоҷикистон гирд оварда шудааст. Инҳо Кофи Аннан, Ян Кубиш, Ҷеймс Вулфенсон, Александр Лукашенко, Нурсултан Назарбоев, Владимир Путин, Жак Ширак, Сайид Муҳамад Ҳотамӣ, Ҷорҷ Сорос ва дигарҳо мебошанд. Ақидаи онҳо хеле ҷолибу хонданбоб аст.

**Ваҳдат, Давлат, Президент [Матн].- Душанбе: Деваштич, 2007.- Ҷ.5.- 303 с.**

Асари мазкур оиди Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ки моҳияти як давраи муайяни таърихи кишварамонро инъикос менамояд, эҳёи кишвар, заминаҳои давлатсозии тоҷику тоҷикистониён ва сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлатро тасвир кардааст. Дар маҷмӯа оиди Ваҳдати миллӣ, рукни сарнавишти давлати соҳибистиқлоли сулҳу ваҳдат, Ваҳдат ягонагии миллат сухан меравад. Он ба сифати дастури худогоҳиву худшиносӣ дар роҳи густариши ҷомеаи шаҳрванди мардумро тарбия карда, бузургдошту муқаддасоти сулҳу субот ва ҳамзистии осоиштаи халқҳои кишвари азизамонро таҳким мебахшад.

**Бобоҷон, А. Баёзи ваҳдат [Матн].- Душанбе: Адиб, 2007.- 192 с.**

Баёзи ваҳдат китоби дастаҷамъона буда, аз ду қисм иборат аст. Дар қисми аввал ҳикматҳо аз китоби қадимаи «Авесто» ва шоҳбайтҳо аз эҷодиёти адибони классики тоҷику форс дар ситоиши дӯстию бародарӣ, ваҳдати ягонагӣ, сулҳу субот, авфу узр, шафқату мурувват, андешаву тадбирҳо тасвир шудааст. Қисми дуюм ашъори шоирони муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат,

Лоиқ Шералӣ ва дигарон нисбати ситоиши сулҳу ваҳдат дар бар мегирад.

**Усмонов, И. *Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир* [Матн]. - Душанбе: Ирфон, 1999. - 107 с.- Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.**

Муаллифи китоб сиёсатмадор, собиқ раиси Кумитаи корҳои байналхалқӣ, узви комититсиюни оиштии миллӣ мебошад ва ӯ иштирокчии ҳамаи музокиротҳои байни мухолифин буд. Вай дар китобаш роҳи душвор, пурпечитоб, пур аз шебу фароз, вале пурихтихори сулҳи байни тоҷиконро тасвир намуда, ҳама азму талош, бедорхобиҳо, хулоса кӯшишҳои шабонарӯзӣ ва пайгиронаи Сарвари давлати тоҷикон, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро пеши назари хонанда меорад. Ҷустуҷӯи сулҳу амонӣ, дарёфти роҳи оштии миллӣ, хоҳиши ба Ватани азиз баргардонидани гурезаҳо ва фароҳамовардани рӯзгори осоиштаи мардум Эмомалӣ Раҳмонро гоҳе ба Афғонистону Эрон, Русияю ва дигар кишварҳои ҳамсоя мебурд. Маҳз ҷасорату матонат ва фидокории Президенти кишвар сулҳи деринтизорро ба Тоҷикистон овард. Созишномаи умумии истихроҷи сулҳи тоҷикони дар Москав баимзорасида сулҳи воқеӣ ва ваҳдати миллиро дар сарзамини мо таъмин намуд.

**Восеъ, Қ. Сиёсат, давлатӣ ва ваҳдати миллӣ [Матн].- Душанбе: Дониш, 2010.- 432 с.**

Муаллиф дар китобаш қайд менамояд, ки «Истилоҳи давлат муқаддастарин вожаест, ки марому мақсади зиндагонии маҷмӯи одамони мамалакати муайянро фаро мегирад. Он дорои мошинаи пуриқтидорест, ки ҷомеаро роҳнамоӣ мекунад, беҳбудиву накӯаҳволӣ, оромиву осудагӣ ва ваҳдату ҳамбастагии қавлиҳову қабилаҳо, халқиятҳову миллатҳои маскуни марзу буми мамлакти муайянро назорат менамояд». Давлатдор

шаҳрванди сарсупурдаи мамлакати муайяну мушаххас аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ шахсияти ӯ тозавориди он марзу бум нест. Давлатдори асил шахсияти воломақому соҳибҷоҳу сарсупурда мебошад, ки симои босалобаташ зебдиҳандаи тахту тоҷи он мамлакат қарор мегирад.

Ҳамчунин дар китоб қайд мешавад, ки Ваҳдати миллӣ ҳамбастагиву ҳамниҳодӣ ва ҳаммаслакиву ҳамқисматии халқро фароҳам сохт. Фикру ақидаҳои муаллиф хеле ҷолибанд.

**Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯаи тезисҳои Симпозиуми байналмилалии «Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон», Душанбе, 26-27 апрели соли 2001 (Душанбе,2001).**

Дар маҷмӯа маърӯзаи Т. Назаров (Тоҷикистон) «Масъалаҳои истиқрори сулҳи Тоҷикистон дар давраи пас аз низоъ», А.К. Зейферт (Олмон) «Сулҳ, ризояти миллӣ ва ҳамзистии фарҳангҳо дар тимсол ва таҷрибаи Тоҷикистон», А.С. Достиев (Тоҷикистон) «Сабақҳои сулҳи Тоҷикистон», Қубон Восеъ (Тоҷикистон) «Нақши мактаби сиёсии Э. Ш. Раҳмонов дар гиреҳкушоии муаммои фоҷеаи миллати тоҷик», К.Баренс (Англия) «Раванди сулҳи Тоҷикистон ва сабақҳои он», Е.В. Белов (Россия) «Нақши Россия дар рафти музокирот доир ба бартараф кардани муноқишаи байни тоҷикон», И.К. Усмонов (Тоҷикистон) «Нақши Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар истиқрори сулҳи миёни тоҷикон», Б.Ш.Аднасов (Қазоқистон) «Аҳмияти давраи чоруми гуфтушуниди миёни тоҷикон дар шаҳри Алмаато оиди истиқрори сулҳи Тоҷикистон» гирд оварда шудаанд. Гузоришҳоро хонеду баҳра баред.

**Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ [Матн].- Душанбе: Дониш, 2007.- Кит.3.- 376 с.**

Китоби мазкур ба таҳлили масоили муҳими назария ва методологияи ваҳдати миллӣ бахшида шудааст. Дар он

масоили навҳои ваҳдати миллӣ, моҳияти андешаи миллӣ ва нақши он дар таҳкими ваҳдати миллӣ, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии ваҳдати миллат, халқ ва давлат баррасӣ шудааст. Китоб бо пешниҳоду ташаббуси раёсати кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ба чоп расидааст.

## ДАСТОВАРДҲОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА СУЛҲУ СУБОТ ДАР ТОҶИКИСТОН

(Матни шаби саволу ҷавоб)

Дар оғози чорабинӣ мақсаду маромро бояд шарҳ дод. Кӯшиш намоед, ки иштирокчиён ба мутоилаи адабиёт мароқ зоҳир намоянд. Чунин аст матни саволу ҷавоб:

Савол: Созишномаи умумии истихроҷи сулҳ ва ризояти миллӣ кай ва дар куҷо ба имзо расид?

Ҷавоб: 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истихроҷи сулҳ ва ризояти миллӣ дар шаҳри Москва ба имзо расид.

Савол: Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон кай таъсис ёфт?

Ҷавоб: 18 июни соли 1997 Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон таъсис ёфт ва раиси он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид.

Савол: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» кай қабул гардид?

Ҷавоб: 13 ноябри соли 1999 қабул гардид.

Савол: Нерӯҳои мухолифини тоҷик декларатсияи парокандашавии дастаҳои низомии худро кай эълон намуданд?

Ҷавоб: 3 августи соли 1999 эълон намуд.

Савол: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон кай дорои Ҷойзаи байналхалқии сулҳ гардид?

Ҷавоб: Соли 2000 корпуси байналхалқии сулҳ саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар таъмини сулҳ ба назар гирифта, ӯро бо «Ҷоизаи байналхалқии сулҳ» мушарраф гардонид.

Савол: Кай шаҳри Душанбе дорои Ҷойзаи «Шаҳри сулҳ» гардид?

Ҷавоб: Моҳи сентябри соли 2004 бо қарори ЮНЕСКО Ҷоизаи «Шаҳри сулҳ» барои солҳои 2002-2003 ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе супорида шуд.

Савол: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон кадом сол раиси Шӯрои сарони мамолики узви Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ интихоб гардид?

Ҷавоб: 18 октябри соли 2004 дар шаҳри Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои сарони мамолики узви Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ интихоб гардид.

Савол: Аз тарафи кадом созмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дорои мукофоти олӣ- Медали тилло сарфароз гардид?

Ҷавоб: Моҳи июни соли 2005 аз тарафи Созмони ғайриҳукуматии байналмилалӣ – Федератсияи сулҳу ризоят Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро барои хизматҳои бузург ва саҳми арзандааш дар таҳкими сулҳу ризоят ва ҳамкории байни халқҳо бо мукофоти олӣ «Медали тилло» сарфароз гардид.

Савол: Маъфуми Ваҳдат чиро мефаҳмонад?

Ҷавоб: Ба маънои иҷтимоӣ, сиёсӣ – ягонагӣ, як будан ва аз як гиребон сар баровардани мардум мебошад. Ваҳдати миллӣ омили муҳими пешравӣ инкишофёбии ҳаматарафаи ҷамъият мебошад.

Савол: Мардуми мо кадом рӯз иди Ваҳдати миллӣро ҷашн медиранд?

Ҷавоб: Ҳармасола 27 июн дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ваҳдати миллӣ ҷашн гирифта мешавад.

Савол: Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кай қабул гардид?

Ҷавоб: 12 май соли 2007 қабул гардид.

Савол: Комиссияи оштии миллӣ бо кадом Созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои кафил ҳамкорӣ дошт?

Ҷавоб: Комиссияи ошти миллӣ бо САҲА ва кишварҳои Федератсияи Россия, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ўзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ҳамкорӣ доштанд.

Савол: То 31 марти соли 2000 Комиссияи ошти миллӣ чанд ҷаласа баргузор намуд?

Ҷавоб: То таърихи 31 марти соли 2000 Комиссияи оштии миллӣ 112 ҷаласа баргузор намуд.

Савол: Мафҳуми калимаи «Сулҳ»-ро баён намоед?

Ҷавоб: Сулҳ чандин мафҳумҳоро дорост. Яке аз мафҳумҳои паҳн гардидаи он озодӣ ва осоиштагиро дар бар мегирад.

**МИР И ЕДИНСТВО НАША ЦЕЛЬ**

(Методико-библиографические рекомендации для библиотекарей)

**На таджикском языке.**

Составители**: Джамил Валиев**